# ТАҚРИЗ

ба кори диссертатсионии **ПАРВИЗИ ҲОТАМ** дар мавзуи **«БАҲОДИҲИИ ЗАРФИЯТИ АГРОЛАНДШАФТИ ЗАМИНҲОИ ОБЁРИИ ВОДИИ ДАНҒАРА БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ СИСТЕМАИ ГЕО-ИТТИЛООТӢ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо, дар асоси автореферати диссертатсия

Унвонҷӯ бо кори илмӣ - таҳқиқотии гузаронидааш муайян намудаст, ки мутобиқ ба мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ дар қаламрави водии Данғара қисман масоҳати заминҳои ноҳияҳои: Данғара (74,5%), Темурмалик (13,1%) ва Фархор (12,4 %) ҷойгир аст. Ва аз самти шимолу ғарбии водӣ ноҳияи Данғара, аз шимолу шарқ ноҳияи Темурмалик ва аз ҷануб ноҳияи Фархор ҷойгир мебошанд.

Кори диссертатсионии зерин мақсади асосиаш ин баҳодиҳӣ ба зарфияти агрозахираи ландшафти заминҳои обёришавандаи водии Данғара бо истифодаи имкониятҳои системаҳои геоиттилоотӣ, аз ҷумла баррасӣ намудани амалиёти бақайдгирӣ, тарҳрезӣ, муайянсозӣ, моделкунонӣ ва сохтани базаи маълумоти минтақаи таҳқиқотӣ дар ин баробар пешгӯии тағйирёбии зарфият, коркарду пешниҳодот оид ба истифодабарии замин мебошад.

Дар автореферат қайд мешавад, ки водии Данғара ноҳамвор аст ва қисми ғарбии онро кӯҳи Тераклитоғ, қаторкӯҳи Сарсарак, шимолиро қаторкӯҳи Вахш, шарқиро қаторкӯҳи Чилонтоғ ишғол кардааст. Баландии миёнаи кӯҳҳо дар ҳудуди 1500 – 2000 м тағйир ёфта, қуллаи баландтарини онҳо 2302 м-ро ташкил менамояд, ки он дар қаторкӯҳи Сарсарак воқеъ аст. Нишонаи баландии сатҳи замин дар қисми марказии водии Данғара аз шимол ба ҷануб ҳудуди 500 - 449 м тағйир меёбад. Масоҳати заминҳои водии Данғара 180136,46 га баробар буда, дар ҳудуди се ноҳия паҳн гардидааст. Аз он ҷумла ба ноҳияи Данғара-134286,99 га, ноҳияи Темурмалик - 23592,01 га ва ноҳияи Фархор- 22259,46 га. Дарозии водии мазкур ба ҳисоби миёна 82,8 км буда, паҳноии он 20,4 км – ро ташкил медиҳад. Дарозии ин водӣ дар самти шимол, ки аз марзи маъмурии ноҳияи Темурмалик оғоз гардида ба самти ҷануб дар ноҳияи Фархор ба анҷом мерасад ва паҳноияш

бошад вобаста ба самти ҷойгиршавӣ чунин аст: дар шарқ, ки аз ноҳияи Темурмалик аст оғоз шуда, ба самти ғарб дар сарҳади ноҳияи Ёвон ба анҷом мерасад.

Дар кори диссертатсионии зерин як қатор камбудиҳое ба назар мерасад, ки чунинанд:

- дар автореферат саҳифаи 11 ва 12, расми 5,7 механизми моделикунони тартиб дода шудааст, аниқии маълумоти бадастмеомада аз он чанд фоизро ташкил медиҳад.

- расми 6 дар автореферат ин ҳисоббарории ҳолати нишебии замин бо истифода аз амалиёти АСПЕКТ- экспозиция омадааст, вале шарҳ ва фарқияти АСПЕКТ аз экспозиция дар чист оварда нашудааст.

Ин камбудиҳо ба мазмун ва мантиқи диссертатсия таъсири манфие надорад ва кори диссертатсионии пешниҳодшудаи Парвизи Ҳотам ба талаботи КОА ҷавобгӯй буда, муаллиф сазовори гирифтани унвони доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо мебошад.

д.и.географӣ, профессори кафедраи
туризм ва методикаи таълими географияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ,

**Муҳаббатов Х. М.**

734003 ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121,
**Тел:** (+99237) 224-13-83, (+992) 918-57-97-37,
**E mail: info@tgpu.tj**

« 4 » 02 2022

Имзои Муҳаббатов Х. М.- ро тасдиқ менамоям сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Назаров Д.Қ**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС